**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2024. – 209 саҳ.**

Замони нави Истиқлол барои мардуми тоҷик шароит ва имкониятҳои наверо барои кору фаъолият эҳдо кардааст ва, инак, метавонем ба арзишҳои миллиамон бо диди нав назар карда, барои ҳарчи бештар омӯхтану ба риштаи таҳқиқ кашидану ҳамагонӣ кардани онҳо талош варзем. Яке аз сарватҳои арзишманди миллати тоҷик осори андешамандонамон мебошанд, ки дар тули ҳазорсолаи охир ба вуҷуд омадаанд ва барои тарбияву таълими на танҳо миллати тоҷик, балки бори маънавиёти дигар миллатҳоро ҳам ба душ доштаанд, зеро аз онҳо қавму миллатҳои гуногуни дунё мустафид гаштаанд.

Дар осори назмию насрии мутафаккирони тоҷик, ки ба забони арабию тоҷикӣ эҷод шудаанд, ба масъалаҳои тарбияи ҷомеа аҳамияти махсус дода шудааст. Ин ҳолатро ҳам дар асарҳои бадеӣ ва ҳам дар осори илмии донишмандон дидан мумкин аст. Таҳқиқи ҳаматарафаи онҳо барои ҷомеаи имрӯза моҳияти бузурги тарбиявию таълимӣ ва моҳияти махсуси илмӣ доранд. Дар байни осори ҳангуфти мавҷуда асарҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Таркиби луғавии осори ин адиби забардаст, саршор аз калимаю истилоҳоти гуногуни соҳавӣ мебошад, ки дар заминаи калимаҳои асили тоҷикӣ ва иқтибосоти арабӣ мураттаб шуда, таҳқиқ ва пешкаши аҳли илму адаб кардани онҳо вазифаи муҳимми илмӣ мебошад. Яке аз қабатҳои луғавии осори ин адиб калимаю истилоҳоти ахлоқӣ ба шумор меравад, ки чун риштаи ногусастанӣ насри адибро ба ҳам мепайванад ва нақши онро дар нишон додани моҳияти илмии ин истилоҳот меафзояд. Албатта то Ҳусайн Воизи Кошифӣ донишмандони зиёде асар офаридаанд, ки онҳо низ ба хазинаи илми башарият гуҳаррезӣ кардаанд ва

яке аз онҳо Ибни Сино мебошад. Ин аст, ки таҳқиқи калимаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино аз як тараф моҳияти илмии корро афзояд, аз тарфи дигар дар дарозои таърих мондагории онҳоро чун василаи таълиму тарбия ва илм таъмин кардааст. Дар ин замина, баррасии диссертатсионии ин масъала аҳамияти бузурги илмӣ дорад, ки ҷиҳати таҳқиқи онҳо унвонҷӯ Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ камари ҳиммат баста, дар мавзуи «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» диссертатсияи номзадӣ пешниҳод намудааст, ки бешубҳа ба самти забоншиносӣ, махсусан, ба бахши забони тоҷикӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ **пурра мувофиқ аст.**

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар суханрониҳои Пешвои миллат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи таҳқиқи осори адибони гузаштаамон борҳо таъкид шудааст, ки ин ҳар як муҳаққиқро водор месозад, ки дар ин самт бетафовут набошад. Таҳқиқи осори гузаштаамон барои ташаккули таркиби луғавии забони адабии имрӯзаамон масоидат карда, дар замони ҷаҳонишавӣ ҷиҳати такмили истилоҳот ва дар сатҳи илми ҷаҳонӣ рақобатпазир шудани забони тоҷикӣ мусоидат мекунанд. Ин аст, ки баррасии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино дар такмили яке аз қабатҳои муҳимми илмии забонамон мусоидат мекунад. То имрӯз ба ин масъалаи муҳим ва мубрами илмӣ таваҷҷуҳи хоса нашудааст ва аз тарафи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ таваҷҷуҳ шудан ба ин масъала кори хайр арзёбӣ мегардад. Ин кори аввалини мукаммали диссертатсионӣ, кори комилан нави илмӣ ҷиҳати бозкушоии гиреҳҳои номакшуфи истилоҳоти ахлоқӣ аз рӯйи осори адибони мазкур мебошад, ки **мубрам арзёбӣ** мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар тули садсолаҳо истифода шудаанд ва

аз ин рӯ дар ҳаёти маънавии башарият таъсири амиқ карда, барои тарбияи ахлоқии миллатҳои гуногун хизмати бузург намудаанд, ки он то ҳоло ҳам идома дорад. На танҳо истифода, балки таҳқиқи забоншиносии онҳо аз нигоҳи вожагонию калимасозӣ аҳамияти фавқулода муҳими илмӣ дорад. Дар таҳқиқи хусусиятҳои забонии осори адибони мазкур диссертатсияи аз тарафи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ пешниҳодшуда рисолаи сифатан нави илмӣ буда, аввалин баррасии илмӣ ба шумор меравад

Агар ба нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда назар афканем, бешубҳа, хоҳем дарк кард, ки онҳо аз муҳтавои кори диссертатсионӣ маншаъ мегиранд ва мазмуну муҳтавои корро фаро мегиранд. Таҳқиқи масоили назариявии марбут ба вожаю истилоҳоти ахлоқӣ, таснифу таҳлили забоншиносии онҳо дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти ахлоқии рисолаи “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино нукоти муҳимме ба шумор мераванд, ки диссертант дар бобҳои диссертатсия матраҳ кардааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Масоили таҳқиқ, ки ба баррасии вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо рисолаи “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино бахшида шудаанд, дар кори илмӣ асоснок гардидаанд, ки онҳо дар асоси баррасии хусусиятҳои гуногуни осори ахлоқии адибони мазкур сурат гирифтааст. Дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия масъалаҳои гуногун пайи ҳам ва рӯйиҳамрафта, алоқамандона таҳқиқ мегарданд ва ин аст, ки хулосаҳои кор ҳам санҷидашуда ва мантиқианд. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо бо он мукаммаланд, ки диссертатсия дар асоси осори назариявии олимони ватанию хориҷӣ ва маводи пурғановати осори ду адиби барҷастаи миллатамон Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва Абуали ибни Сино танзим гардидааст. Маълумоти дар диссертатсия овардашуда дақиқ аст ва аз баррасии кор равшан аст, ки усул ва роҳу равиши интихобнамудаи муҳаққиқ дуруст буда, дар баррасии ин

гуна масъала муносиб аст. Маводи баррасишуда ба андозаи кофӣ боварбашх ва мукаммал мебошад, ки онро амалан дар саҳафоти рисола ва омори дар ҷадвалҳо овардашуда дидан мумкин аст.

Коркарди рисола, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқ ва теъдоди интишорот шаҳодати эътимоднокии кори диссертатсионӣ мебошад. Хулосаи диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар 12 банд муназзам гардидааст, ки муҳтавои асосии корро дар бар мегиранд. Тавсияҳо дар 3 банд истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқро пешниҳод менамояд, ки ҷанбаи амалишавиашон воқеӣ аст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Диссертатсияи пешниҳодкардаи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ, ки ба таҳқиқи вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо рисолаи "Андар ахлоқ"-и Ибни Сино бахшида шудааст, бешубҳа, аҳамияти боэътимоди илмӣ дорад. Дар кор бори аввал аст, ки забоншиносии тоҷик ба масоили таҳқиқи вожаи истилоҳоти ахлоқии бузургтарин адибон даст зада, дар ин замина фикру андешаҳои олимони мутааддидеро роҷеъ ба мавзуи матраҳшаванда омӯхта, ба таҳқиқи истилоҳот бо диди нави илмӣ муносибат кардааст. Ҳамчунин, муҳаққиқ ба баррасии ҳар истилоҳ муносибати ҷиддӣ зоҳир намуда, онҳоро на танҳо дар доираи гурӯҳи истилоҳот, балки барои шарҳу тафсири ҳар кадоме аз онҳо тавассути ошкор намудани мазмуну маънояшон иқдом намудааст. Баррасии истилоҳот на танҳо дар доираи хусусиёти луғавӣ, ки таҳқиқи сифатан нави илмӣ аст, балки дар баррасии ҷанбаҳои сохтории онҳо бо истифода аз усулҳои маъмули вожасозӣ низ идомаи мантиқии таҳқиқ буда, аз мақсаду вазифаҳои рисоланавис буруз менамояд. Муайян сохтани интисоби забонии вожаю истилоҳоти ахлоқии адибони мазкур аз заҳамоти дигари рисоланавис мебошад, ки бар ҳасаноти кор афзуда, аҳамияти илмии онро баланд мебардорад.

Бешак, маводи илмӣ-назариявии кори диссертатсионӣ, натиҷаҳо, усул, роҳу равиш ва интишороти муаллиф улгуи корҳо буда, барои ба вуҷуд омадани рисолаҳои монанд метавонанд ёрӣ расонанд. Ҳамчунин, маводи илмӣ-назариявии ин диссертатсия барои донишҷӯён, унвонҷӯён, магистрантҳо ва мутахассисони забоншинос муфид арзёбӣ мешавад.

Арзиши амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаи диссертатсияро метавон барои таҳияи китобҳои дарсии мактабҳои ҳамагонӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ, фарҳангҳои соҳавӣ, решашиносӣ, луғатҳои бисёрзабонаи ахлоқӣ истифода кард. Инчунин, ин кор барои хондани дарсҳои махсуси ахлоқӣ ва ё дар баргузории маҳфилҳои илмӣ аз фанни забону адабиёти тоҷикӣ муфид аст. Аз ин рӯ, диссертатсияи унвонҷӯй барои тарбияи ахлоқии ҷомеаи имрӯзу фардои кишварамон арзишманд мебошад.

**Қисмати асосии таҳқиқ**. Кори диссертатсионии Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ аз ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва замима дар ҳаҷми 209 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод гардидааст. Бобҳо масъалаҳои муҳимми илмиро ифода карда, фаслҳои онҳо ба мазмуну муҳтавои бобҳо алоқаманд мебошанд. Зимни таҳқиқ аз равишҳои мувофиқу мушаххаси илмӣ истифода шудааст. Вобаста ба масоили матраҳшаванда дар ҳар боб, фикру андешаҳои илмии донишмандон ба назар гирифта мешаванд ва аз ҳама муҳим доир ба онҳо муаллифи рисола низ назари худро баён мекунад.

Дар муқаддимаи диссертатсия чун анъана мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарию методологӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи

диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор мутобиқи талабот шарҳ ёфтаанд. Дар диссертатсия масоили пешниҳодшуда равшан баррасӣ гардидаанд.

Кори диссертатсионӣ дорои мақсаду вазифаҳои мушаххаси илмӣ аст, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, дар бахши баррасии хусусиятҳои вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо рисолаи "Андар ахлоқ"-и Ибни Сино ҳоизи аҳаммият мебошанд.

Боби якуми диссертатсия «Аз таърихи пайдоиш ва ташаккули вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар забоншиносии тоҷик» ном дорад ва иборат аз 5 фасл мебошад. Дар фаслҳои ин боб масоили марбут ба моҳияти забоншиносии истилоҳот, вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар забони авастоӣ, дар осори форсии миёна, дар даврони класикӣ (то асри XV) ва осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳамчун махзани вожаю истилоҳоти ахлоқӣ баррасӣ анҷом гирифтааст.

Дар ин боб асару мақолаҳои илмие, ки аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ, ба мисли Д. С. Лотте, В. В. Виноградов, Г. О. Винокур, Н. Ф. Яковлев, А. А. Реформатский, Б. Н. Головин, С. Сабзаев, Д. Саймиддинов, С.Назарзода, М. Ҳ. Баротзода, С.Сулаймонов,Т. С. Шокиров, Ҳ. А. Саидов, Т. К. Ҷураев, А. Юсупов, Ш. Исматуллозода, Ф. С. Саидова, А. Н. Шафоатов, З. Мухторов, Н. Шарипов ва дигарон, ки доир ба истилоҳот навишта шудаанд, барраси шуда, моҳияти илмии онҳо дар таҳқиқ нишон дода шуда, маводи мавҷудаи осори давраи қадиму миёнаву нави марбут ба ахлоқ ба риштаи таҳқиқи забоншиносӣ кашида мешавад.

Боби дуюми диссертатсия «Тасниф ва таҳлили забоншиносии вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ» номгузорӣ шуда, аз 3 фасл иборат аст. Дар фаслу зерфаслҳои ин боб роҷеъ ба роҳу воситаҳо ва қолибҳои калимаҳои сохтаю мураккаби ахлоқӣ, вожаю истилоҳоти ахлоқии форсӣ-тоҷикӣ ва иқтибосшудаи арабӣ таҳқиқ гардида, омилҳои иқтибосгирӣ, сабабҳои воридшарии воҳидҳои луғавии арабӣ ва аҳамияти онҳо барои забони тоҷикӣ фикру андеша ва мулоҳизаҳои донишмандони зиёдеро мавриди баррасии илмӣ қарор дода, зимнан, муносибати худро ба онҳо зикр менамояд.

Зимни баррасии сохтори калимаю истилоҳоти ахлоқӣ роҳҳои калимасозии маъмули мудерн истифода шуда, дар он усулҳои сарфӣ, наҳвию сарфӣ, сарфию наҳвӣ, луғавию наҳвӣ, луғавию маъноӣ ва тарзи сохташавии истилоҳот тавассути ибораҳо муайян гардида, қолибҳои тавассути ин роҳҳо мавҷудбуда бо мисолҳои фаровон матраҳ шудаанд. Мутобиқи таҳқиқи унвонҷӯ бо вандҳо ва калимаҳои мураккаби копулятивию детерминаивӣ сохташавии калимаю истилоҳоти ахлоқӣ ҷойгоҳи хоса доштааст. Махсусан, пешвандҳои бе-, бо-, дар-, но-, ҳам- ва пасвандҳои -а, -анда, -борӣ, -вар, -вор, -гар, -гарӣ, -гӣ, -ин, -иш, -ият, -ӣ, -манд, -мандӣ, -нок, -ор, -сор ва -тар//-тарин дар шаклсозию калимасозии ахлоқӣ нақши муҳим доранд.

Муайян мегардад, ки калимаҳои мураккаби пайваст дар ҳайати калимаю истилоҳоти ахлоқӣ ба нудрат дида мешавад ва тибқи маълумоти унвонҷӯ каммаҳсул буда, дар он вожаҳои гуфтугӯ, сар-сар ва гирён-гирён во хурдааст.

Бар хилофи ин, калимаҳои мураккаби тобеъ бо қолибҳои гуногун омада, сермаҳсул мебошанд. Онҳо дар **қолибҳои калимасозии навъи татпуруша**: исму исм, исму асоси замони ҳозираи феъл, исму сифати феълӣ, сифату исм, сифату сифати феълӣ, сифату асоси замони ҳозираи феъл, зарфу асоси замони ҳозираи феъл, ҷонишину асоси замони ҳозираи феъл; **дар қолибҳои калимасозии навъи кармадҳарая**: исму исм, сифату исм, сифату асоси замони ҳозираи феъл, зарфу исм, зарфу асоси замони ҳозираи феъл; **қолиби двигу**: шуморaю исм; **қолиби пессесив ё атрибутива:** исму исм, исму асоси замони ҳозираи феъл, сифату исм бунёд шудаанд.

Дар идомаи муайян сохтани роҳҳои сохташавии истилоҳоти ахлоқӣ калимаҳои сеҷузъа ва ибора-истилоҳот мавриди баррасӣ қарор гирифта, қолибҳои морфологии онҳо муайян мегарданд. Ҳамчунин, роҳҳои калимасозии сарфию наҳвӣ, луғавию наҳвӣ ва луғавӣ-маъноӣ низ бо мисолҳои мавҷудаи осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар фаслҳои алоҳидаи кор вожаю истилоҳоти фаровони форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ баррасии фаррох ва қонеъкунанда сурат гирифтааст ва хулосаи муҳиму мантиқии унвонҷӯ ин аст, ки иқтибосоти арабӣ бо ҳамаи мураккабиҳои навъҳои

феълӣ ба хусусиятҳои вожагонию дастурии забони тоҷикӣ пурра мутобиқ шуда, дар баёни вожаву истилоҳоти ахлоқии осори адиб нақши калон доранд.

Зимни таҳқиқ унвонҷу усули пай дар пай матраҳ кардани маводи марбут ба масоили ахлоқии осори адибро риоя карда, хулосаҳои солими мантиқӣ пешниҳод менамояд.

Боби сеюми диссертатсия «Муқоисаи истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо истилоҳоти рисолаи «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» ном дорад ва аз се фасл иборат аст. Фасли аввали ин боб ба масъалаи хусусиятҳои вижаи истилоҳоти ахлоқии «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино ва осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ марбут аст. Хусусиёти муҳимми истилоҳоти ахлоқии «Андар ахлоқ»-и Ибни Синоро унвонҷӯ дар он мебинад, ки Ибни Сино дар муқобили ҳар истилоҳи ахлоқие, ки фазилати инсонро нишон медиҳад, истилоҳои ифодагари разилати инсонро низ меорад. Аз қабили *нодонӣ ва ҷаҳолат*, *бераҳмӣ ва раҳму шафқат* ва ғ. Хусусиёти дигари истилоҳоти ахлоқии асари мазкур он аст, ки Ибни Сино ҳангоми баёни истилоҳоти ахлоқӣ ба он шарҳи мафҳумӣ додааст, ки дар диссертатсия бо мисолҳо шарҳ ёфтааст.

Вижагиҳои истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ он аст, ки адиб ҳангоми нигоштани матолиб иқтибосоти арабиро оварда, сипас муодили тоҷикии онро пешниҳод менамояд, чун *ибодат ва парастиш, сабр ва шикебоӣ, шукр ва сипос* ва ғ. Дигар аз хусусиёти муҳимми осори адиби мазкур он аст, ки вожаю истилоҳоти ахлоқии форсиасл бар вожаҳои арабӣ аз рӯйи басомад ва короӣ бартарӣ доранд, ки ин андеша бо мисолҳои фаровон тасвиб шудааст.

Фасли бисёр муҳимми боби сеюм фасли 3.2. аст, ки ба масъалаи муқоисаи вижагиҳои мафҳумии истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино бахшида шудааст. Дар натиҷаи баррасии муқоисавии даҳҳо калимаю истилоҳоти ахлоқӣ муаллифи диссертатсия ба ин андеша аст, ки дар ташреҳи истилоҳоти ахлоқӣ адибони мазкур ду ҳолатро дидан мумкин аст. Аввал ин аст, ки бештари истилоҳоти ахлоқии Ибни Сино ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ маъноҳои якхела доранд ва ҳарду мутафаккир муродифоти истилоҳотро устокорона истифода намудаанд. Дуюм, ҳангоми

шарҳу эзоҳ андешаҳои фарққунанда ба назар мерасад, ки дар диссертатсия бо мисолҳои муътамад исбот шудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳимми кор аз он иборат аст, ки басомади вожаю истилоҳоти ахлоқии осори мавриди таҳқиқ дар фасли алоҳида (3.3) пешниҳод мегардад, ки он дар 6 ҷадвалу 6 диаграмма муфассал баррасӣ гардидаанд.

**Хулосаи диссертатсияи** Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ муҳимтарин андешаҳои ҷамъбастии муаллиф буда, дар 12 банд оварда мешаванд, ки дар охири ҳар банд дар қавсайн мансубияти хулосаи пешниҳодшударо ба мақолаи чопгардида нишон медиҳад, ки аз коркардаи андешаҳои муаллиф дарак медиаҳд. Аз хулосаҳо маълум мегардад, ки унвонҷӯ масъалаҳои матраҳшударо ҳазм намудааст ва онҳоро барои хонанда дуруст ироа карда метавонад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯй 7 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ чоп шудаанд. Мақолаҳои интишоргардида мазмуну мухтаво, натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Диссертатсия** аз тарафи унвонҷӯй мустақилона навишта шуда, мазмуну моҳияташ ба мавзуи илмӣ мувофиқ аст, масъалагузориҳо пайдарҳам сурат гирифта, мантиқи муносиби илмӣ доранд. Нукоти матраҳшудаи илмӣ, навовариҳо, усулу шеваи истифодашуда, пешниҳоду тавсияҳои амалӣ, масоили ба ҳимоя пешниҳодшуда, шарҳу тавзеҳи масъалаҳо, истифодаи осори илмӣ ва фарҳангномаҳо барои ташреҳи

калимаю истилоҳоти ахлоқӣ ба талабот муносиб буда, гувоҳи саҳми хуби шахсии диссертант мебошанд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари муваффақиятҳои илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳо дида мешавад, ки овардани онҳоро бо нияти беҳбудии корҳои ояндаи унвонҷӯй салоҳ донистем:

1. Ҳангоми нишон додани роҳҳои калимасозии забони тоҷикӣ ба М.Ҳ.Баротзода (Истилоҳоти илмии "Китоб-ут-тафҳим"- Абурайҳони Берунӣ. – Душанбе, 2003, 170с.) такя мешавад (саҳ. 56-и диссертатсия). Дар сурате ки ин роҳҳо ҳануз соли 1972 аз тарафи Ш.Рустамов дар китоби "Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик". – Душанбе, 1972, 79саҳ. пешниҳод гардида буданд. Камоли эҳтироми илмӣ аст, ки аввал аз пешгузаштагон ёд шавад.
2. Зимни баррасии хусусиятҳои калимасозии сарфӣ тартиби мавҷудаи овардани қолибҳои калимасозӣ риоя нашудааст. Ин ба он маънӣ аст, ки аввал вандҳои исмсоз, баъдан сифатсозу феълсоз баррасӣ мешуданд, дурусттар мешуд. (саҳ. 57-58-и диссертатсия). Гузашта аз ин пасвандҳои исму сифатсоз омехта таҳқиқ шудаанд (саҳ. 61-63-и диссертатсия).
3. Дар кори диссертатсионӣ ибораи "вожаҳои таркибӣ" барои нишон додани "ибора-истилоҳот" истифода шудааст. Хуб мешуд, ки аз "ибора-истилоҳ" ба асос гирифта мешуд (саҳ. 81 то 101).
4. Калимаҳои **некухуй, хушсуханӣ** ва **камхирадӣ** дар ҳайати калимаҳои сохта баррасӣ шудаанд. (саҳ. 83-и диссертатсия). Хуб мешуд дар ҳайати калимаҳои мураккаб матраҳ мегардиданд.
5. Хуб мешуд, ки иқтибос аз андешаҳои олимон мустақиман аз осори худи муаллифон гирифта мешуд. Ҳолатҳои аз муаллифи дигар овардани иқтибосҳо ба назар мерасад (саҳ. 35).
6. Истифодаи калимаҳои русие, ки муродифони хуби тоҷикӣ доранд, ба назар мерасад. Аз қабили предмет (саҳ.112), материал (саҳ.112), фонд (саҳ. 5, 16, 18, 5, 101), эстетикӣ (саҳ.5), лексика (саҳ.20), эмотсионалӣ (саҳ. 20) ва ғ.

**7.** Ҳарчанд нигоштаҳои диссертант босаводона аст, аммо дар саҳифаҳои 17, 20, 36, 42, 45, 51, 52, 55, 105, 106, 130-и диссертатсия ғалатҳои услубию китобатию имлоиву техникӣ дида мешавад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор буд.

Эродҳои мазкур хусусияти ислоҳшаванда дошта, ба моҳияти баланди илмии диссертатсия таъсир намерасонанд. Онҳоро зимни ба нашри монография ислоҳ кардан мумкин аст

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия бо истифода аз роҳу равиш ва услуби илмии мувофиқ таҳия шуда, қисматҳои кор бо риояи мантиқи ягонаи илмӣ, пайдарҳам, пешниҳод гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ дар мавзуи кори диссертатсионӣ ба табъ расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Дар маҷмуъ кори диссертатсиониро анҷомёфта меҳисобам.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯй ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ, комилан, мувофиқат мебошад.

Коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, истифодаи амалии онҳо, нашри таълифоти илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса**, диссертатсияи номзадии Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
муовини раиси Кумитаи забон
ва истилоҳоти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло
«27» марти соли 2024

Нишонӣ: 734018,, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев,
бинои 84/4, хонаи 22
Тел.: (992) 919 00 21 78
E-mail: saxidodi@list.ru

**Имзои С.Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам.**
Мудири бахши умумӣ ва масъули хадамоти кадрӣ Абдуллоев Шариф
«27» марти соли 2024

**Нишонӣ**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25,
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: +992 (37) 227 59 38; +992 (37) 227 78 29;
Сомонаи муассиса: www.kumitaizabon.tj
***E-mail***: kumitaizabon@mail.ru.